**_ТАҚРИЗИ_**

*роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)*

Истеъдоду маҳорат ва қобилияти ҷӯяндагии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар шароити муосири ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва маориф, истифодаи методҳои инноватсионии таълим (интерактивӣ) зимни таълими фанну предметҳо сазовори ситоиш ва таҳсин мебошанд. Дар муддати 7 соли корӣ, ки ӯ ба омӯзиш ва пешбурди таҳқиқот дар самти салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ машғул буда, фаъолияти пажуҳишии ӯ натиҷаю самараи хуб ба бор овардааст.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти меҳнатиаш зимни корҳои озмоишӣ, омода кардани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сурат гирифтааст, ки заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил мекунанд.

Кори диссертатсионии унвонҷӯй Абдуллозода Н.С. ба асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавию озмоишии мазмун ва усули риояи бонизоми истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асоси таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта ва афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дар шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои

дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба сомон расидааст.

Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилонаи пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Дар муҳлати пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло худро ҳамчун унвонҷӯи қавиирода, серталаб ва масъулиятшинос нишон дода, собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян ва бошууронаву амиқан дарк намояд, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил карда, методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Абдуллозода Н.С. оид ба проблемаи салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ тавсияшуда, инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Абдуллозода Н.С. дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муваффақона дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотиаш бо маърузаҳо баромад намудааст.

Дар маҷмуъ муҳаққиқ Абдуллозода Наҷибулло Сайфуллоро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо иҷро намояд.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфуллоро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз

технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умуми, таърихи педагогика ва тахсилот) тавсия менамоям .

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент, мудири шуъбаи методикаи
таълим, психология ва тарбияи кадрҳои илмии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С. Камолзода

*Имзои Сайфиддин Камолзодаро тасдиқ мекунам.*
*Мудири бахши кадрҳо*
*ва коргузории АТТ* *Саидова М.*